**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734024, Ҷумҳуии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи С. Айнӣ, 44)**

## ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Кузибаева Бароат Муротбоевна ба диссертатсияи Акрамова Бибималика Акбаровна дар мавзуи «Идоракунии равандҳои такрористеҳсол дар ташкилотҳои кишоварзӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700-Менеҷмент (6D050704-Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) пешниҳод карда шудааст

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Мавзуи тадқиқоти диссертатсионии Акрамова Бибималика Акбаровна – «Идоракунии равандҳои такрористеҳсол дар ташкилотҳои кишоварзӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» мутобиқ ба талаботи дурнамои рушди соҳаҳои воқеӣ, ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии Тоҷикистон ба иҷро расидааст.

Муаллиф дар рисола қайд намудааст, ки бо вуҷуди коҳиш ёфтани нархҳо дар пандемияи COVID – 19 бо суръати баланди демографӣ эҳтиёҷоти аҳолӣ ба маводи озуқа пайваста афзуда, таъсири манфии таконҳои беруна, инчунин осебпазирии шабакаҳои берунаи таъминоти озуқаворӣ ва таҳдидҳои пайдошаванда дар шароити вобастагии бозори дохилӣ аз маҳсулоти озуқавории воридотӣ зарурати раванди такрористеҳсолро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон пурзӯр менамояд.

Дар рисола қайд шудааст, ки раванди такрористеҳсол дар бахши кишоварзӣ аз ҷумлаи масъалаҳои мубрам ва калидии низоми муносибатҳои иқтисодиву иҷтимоӣ буда, тавсеа ва баландбардории самаранокии он шарти асосии таъмини рушди устувори истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ мебошад. Дар соҳаи кишоварзӣ барои муътадил гардонидан ва рушди устувори истеҳсолоти кишоварзӣ ҳамчун асоси таъмини амнияти озуқаворӣ шароит фароҳам оварда нашудааст. Барои баромадан аз ин роҳ, пеш аз ҳама, такмил додани идоракунии раванди такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ лозим аст. Бинобар он, дар марҳилаи ҳозираи тараққиёти идоракунии такрористеҳсоли иқтидорҳои истеҳсолӣ захираҳои моддӣ, молиявӣ, сармоягузорӣ, кадрӣ ва иттилоотӣ ташаккули низоми нави ташкили идоракуниро дар сатҳи корхонаю ташкилотҳои кишоварзӣ талаб мекунад.

Татбиқи ин масъалаҳо сармоягузориҳои бузургро талаб мекунад ва барои бисёр корхонаҳо, алалхусус дар соҳаи кишоварзӣ лоиҳаҳоро бидуни асоснок кардани самаранокии он ва бо такя ба усулҳои иқтисодӣ, аз руйи таҷрибаи мусбат рақибон оғоз кардан низ ғайриимкон аст.

Аммо, мутаассифона, дар илми иқтисодӣ таърифи дақиқи ин усулҳо вуҷуд надорад. Ин муаммо барои бисёриҳо монеаи ҷиддӣ мегардад ва истифодаи майдони нави мубориза барои баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти худ мушкил менамояд.

Мақсади таҳқиқоти илмии мазкур асосноккунии назариявӣ ва методологии таҳлили механизмҳои таъсирбахш барои беҳтар намудани идоракунии раванди такрористеҳсол дар ташкилотҳои кишоварзӣ мебошад.

Боиси қайд аст, ки рисола бо истифодаи васеи муносибатҳои комплексӣ ва усулҳои мухталифи таҳқиқотӣ такя карда, ба масъалаҳои шароити муосир бахшида ва мутобиқ карда шудааст.

## 1. Дараҷаи асоснокии гузоришҳои илмӣ, хулосаву пешниҳодҳо, ки дар диссертатсия омадаанд

Дар раванди ҳалли илмии масъалаҳои гузошташуда равишҳои методологӣ ва методии пажуҳиш, ки муаллиф интихобу истифода намудааст, имкон додааст, ки натиҷаҳои судманди илмӣ дар самти назария ва амалияи истифодаи омилҳои рушди муносибатҳои бозорӣ бисёр таҷҳизотҳои технологӣ дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт аз таҷриба гузаронида шуда. барои менеҷменти равандҳои такрористеҳсол дар ташкилотҳои кишоварзӣ, инчунин гузаронидани таҳлили амиқи фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ коркарди пешниҳодҳои илмиву амалӣ дар ҷодаи омӯзиши усулҳои ташкил ва идоракунии раванди такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ рӯи кор омадааст.

Асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия омада ва сатҳи илмияти онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф аз асарҳои бунёдии олимони иқтисодии ватанивию хориҷӣ дар соҳаи назарияи омилҳо ва комбинатсияи самаранокии онҳо эҷодкорона истифода бурдааст.

Дар раванди кори таҳқиқотӣ усулҳои ошкорсозии ҳолатҳои асосии назарияи идоракунии раванди такрористеҳсол дар ташкилотҳои кишоварзӣ мавриди истифода қарор дода шудааст. Дар кори таҳқиқотӣ равишҳои комплексӣ оид ба таҳқиқи амиқи идоракунии раванди такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ татбиқ карда шуда, ба усулҳои умумиилмии таҳқиқот шабеҳ гардонида шудаанд. Инчунин, дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои иқтисодии таҳлил васеъ истифода шудаанд, махсусан: таҳлил ва синтез, таҳлили сабабӣ - оқибатӣ, таҳлили маҷмуавӣ ва низомӣ, усули

муқоисакунӣ, хулосабарорӣ, таҳлили маълумоти оморӣ, ифодаёбии графикӣ ва ҷадвалии маводи аслӣ.

Заминаи иттилоотии таҳқиқоти илмиро сарчашмаҳои иттилоотӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, монографияҳо, ҳисоботи солонаи корхонаҳо ва ташкилотҳои кишоварзӣ, манбаъҳои интернетӣ, маводи конфронсҳои гуногуни илмӣ–амалӣ, мизҳои мудаввар, инчунин таҳлил ва мушоҳидаҳои худи муаллиф ташкил додаанд.

Шиносоӣ бо кор нишон медиҳад, ки муаллиф хеле моҳирона бо адабиёти илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқот кор кардааст, мустақилона далелҳои омориро вобаста бо мақсади таҳқиқот ҷамъоварӣ намуда, коркард ва таҳлил намудааст.

## 2. Саҳеҳӣ ва навгонии таҳқиқот ва натиҷаҳои гирифташуда

Ба назари мо, унсурҳои навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки муаммоҳои илмии аз тарафи муаллиф гузоштташударо хеле саҳеҳ тавсия медиҳад, чунинанд:

1. Ҷиҳати назариявӣ ва методологии такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ такмил дода шуда, муаллиф исбот кардааст, ки такрористеҳсол дар марҳилаи муосир на танҳо такрори раванди муайян, балки раванди интенсивие мебошад, ки бо татбиқи васеи навовариҳо алоқаманд буда, идоракунии самарабахши он шарти асосии тараққиёти устувори корхонаҳои кишоварзӣ ба ҳисоб меравад.
2. Усулҳо ва модели идоракунии раванди такрористеҳсол асоснок карда шудаанд, ки дар он муаллиф дар бораи пурзӯр намудани фаъолияти шуъбаи таъминоти моддию техникӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии идоракунии раванди такрористеҳсол, тартиб додан ва тасдиқ намудани нақшаи иҷрои он, такмил додани механизми идоракунии раванди такрористеҳсол бо назардошти таъминоти сармоягузорӣ, кадрӣ ва иттилоотӣ тавсияҳои асоснок пешниҳод намудааст.
3. Дар асоси таҳлили ҳолати имрӯза, омилҳо ва воситаҳое, ки ба раванди такрористеҳсол таъсир мерасонанд, гурӯҳбандӣ карда шуда, аҳаммият ва муҳиммияти омилҳо вобаста ба дараҷаи таъсири онҳо асоснок карда шуда, исбот карда шудааст, ки омилҳои асосии таъсиркунанда ин маҳдудияти молиявӣ ва имкониятҳои сармоягузорӣ, нарасидани кадрҳои соҳибихтисос ва фаъолияти сусти инноватсионии корхонаҳои кишоварзӣ мебошад.
4. Модели нави идоракунии раванди такрористеҳсол дар сатҳҳои гуногун таҳия ва пешниҳод карда шудааст, ки дорои тавсияҳои методӣ ва

амалии такмили низоми сармоягузорӣ, кадрӣ, институтсионалӣ, ташкилӣ, техникӣ ва иттилоотӣ мебошад.

5. Самтҳои асосии такмили идоракунии такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ асоснок карда шуда, дар ин самт ба фаъолияти инноватсионӣ, истифодаи равиши лоиҳавӣ, менеҷменти молиявӣ захираҳои иттилоотӣ ва таҳияи стратегияи рушди корхонаҳои кишоварзӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шудааст.

Дар муқаддимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуъ, сатҳи коркарди он, ҳадаф ва вазифаҳо, гипотезаи диссертатсия ва ғайра муайян карда шудааст.

**Дар боби аввал - «Асосҳои назариявию методологии менеҷменти раванди такрористеҳсол дар ташкилотҳои кишоварзӣ»** асосҳои назариявӣ ва методологияи идоракунии раванди такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ, принсипҳо ва усулҳои идоракунии раванди такрористеҳсол, инчунин таҷрибаи хориҷии ташкил ва идоракунии раванди такрористеҳсол аз нигоҳи муаллиф васеъ карда шудаанд.

Муаллиф дар ин боби диссертатсия қайд кардааст, ки раванди такрористеҳсол аз якчанд марҳилаҳо иборат мебошад (расми 1.1.1. саҳ.17). Таҳлили раванд ва назарияҳои илмӣ аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки зимни таҳқиқи назарияи такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ аз ду равиши асосӣ, яъне ҷараёнӣ ва захиравӣ истифода баранд. Равиши ҷараёнии раванди такрористеҳсол ҳамчун ҷараёни бетанаффус такроршаванда баррасӣ шуда, равиши захиравӣ таҳти такрористеҳсол раванди барқароршавии омилҳои истеҳсолот ва муносибатҳои истеҳсолиро дар назар дорад.

Дар кори диссертатсионӣ қайд карда шудааст, ки устувории такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ бо роҳи ташаккули системаи идоракунии такрористеҳсоли захираҳои моддию техникӣ, дороиҳои ғайримоддӣ, кадрӣ, табиӣ ва молиявию инвеститсионӣ таъмин карда мешавад. Аз ин ҷо қайд кардан зарур аст, ки муайян кардани сохтори омилҳои таъсиркунанда ва арзёбии дараҷаи таъсири онҳо ба раванди идоракунии такрористеҳсол муҳим аст. Дар шароити бозор ба идоракунии чунин самтҳо, ба монанди захираҳои ғайримоддӣ ва муайян кардани маблағгузории раванди такрористеҳсол бояд диққати махсус дода шавад.

Дар рисола муаллиф ба марҳилаҳои идоракунии лоиҳаи такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзии давлатҳои хориҷӣ (саҳ. 57) таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудааст. Қайд карда шудааст, ки ташаккули низоми идоракунӣ дар кишварҳои хориҷӣ бо дар назардошти хусусиятҳои хоси истеҳсолоти кишоварзӣ таҳия ва татбиқ карда шуда, дар ин самт хусусиятҳои зерини истеҳсоли агросаноатӣ, ба амсоли иртиботи мустақими истеҳсолоти агросаноатӣ бо равандҳои такрористеҳсоли табиӣ ва қонуниятҳои он: шароити хоку иқлим ва дигар омилҳои табиӣ ба раванди такрористеҳсол дар

корхонаҳои кишоварзӣ ва бахши аграрӣ таъсиркунанда; шарти асосии тавсеаи раванди такрористеҳсол ин баланд бардоштани ҳосилнокии замин ба ҳисоб меравад, зеро замин дар шакли моддии он такрористеҳсол карда намешавад; мавсимӣ будани истеҳсолоти кишоварзӣ боиси номувофиқоии давраи истеҳсолот мегардад; раванди такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ ба равандҳои табиии обу иқлим ва муҳлати кишту парвариш вобастагӣ дорад, ба инобат гирифта мешаванд.

Муаллиф дар таҳқиқоти нишондодаи худ муайян кардааст, ки дар мамлакатҳои мутараққӣ истеҳсолоти кишоварзӣ дар сатҳи давлатӣ ба танзим даровардa, ба корхонаҳои кишоварзӣ ёрии калони буҷавӣ расонида, татбики раванди такрористеҳсол дар бахши аграрӣ ҳавасманд карда мешавад (саҳ. 62.) Имрӯзҳо дар корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати дарёфт кардан ва роҳҳои самараноки ташаккул додани манбаъҳои гуногуни такрористеҳсоли қисми фаъоли воситаҳои асосии истеҳсолот зарурати ногузир дорад.

Муаллиф таъкид намудааст, ки дар шароити иқтисодиёти бозорӣ ва иқтисодиёти гузариш ҳар як кишвар, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки дар асоси ба роҳ мондани фаъолияти тиҷоратӣ дар солҳои наздик ва мустаҳкам намудани робитаҳои иқтисодӣ бо шарикони бомасъулият ҷиҳати самаранок ба роҳ мондани фаъолияти иқтисодӣ басанда мебошад.

**Дар боби дуюм – «Таҳлили ҳолати муосир ва арзёбии низоми идоракунии такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ»** вазъи ҳозира ва тамоюлҳои рушди низоми идоракунии равандҳои такрористеҳсоли фондҳои асосӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла вазъи имрӯзаи истеҳсолоти кишоварзӣ, такрористеҳсол дар соҳаи кишоварзӣ, корхонаҳои алоҳида, шароит ва вазъияти раванди такрористеҳсоли фондҳои асосӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ ва идоракунии намунавии такрористеҳсоли фондҳои асосӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ таҳлил ва асоснок карда шудаанд.

Дар ин боби диссертатсия сараввал қайд шудааст, ки бахши аграрии иқтисодиёт дар низоми таъмини амнияти озуқаворӣ ва бо ашёи хоми кишоварзӣ таъмин намудани саноат нақши асосӣ мебозад. Аз таҳлили муаллиф (саҳ 64) муайян кардан мумкин аст, ки дар давоми ду даҳсолаи охир соҳаи кишоварзӣ яке аз муҳаррикҳои асосии пешбарандаи иқтисоди Тоҷикистон аст. Захираҳои табиии рушди соҳаи кишоварзӣ дар давоми солҳои 2010-2019 ба ҳисоби миёна 6,4 фоиз ва дар солҳои 2020 ва 2021 мутаносибан 8,8 ва 6,6 фоизро ташкил додааст. Рушди соҳаи кишоварзӣ асосан аз ҳисоби пеш бурдани ислоҳоти замин, тезонидани диверсификатсияи

истеҳсолот ва то андозае баланд шудани ҳосилнокии маҳсулоти растанипарварӣ ва чорводорӣ ба даст омадааст.

Муаллиф қайд намудааст, ки мувофиқи омори расмӣ айни замон дар бахши кишоварзӣ 171899 хоҷагиҳои калон, миёна ва хурд, аз онҳо 161 хоҷагиҳои давлатӣ, 59 ассотсиатсияи хоҷагиҳои деҳқонӣ, 3731 хоҷагиҳои деҳқонии коллективӣ, 348 ҷамъияти саҳомӣ ва ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд, 591 хоҷагиҳои ёрирасон дар назди корхонаю ташкилотҳои кишоварзӣ ва 167009 хоҷагиҳои деҳқонӣ фаъолият мебаранд.

Дар ин асно, муаллиф қайд кардааст, ки аз рӯи маълумоти Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022-юм дар ҳамаи категорияҳои хоҷагидорӣ 1586,3 ҳазор тонна галладонагӣ, 388,8 ҳазор тонна пахта, 1041,3 ҳазор тонна картошка, 2597,6 ҳазор тонна сабзавот, 818,8 ҳазор тонна полезӣ, 444,4 ҳазор тонна мевагиҳо, 267,5 ҳазор тонна ангур, 327,7 ҳазор тонна гӯшти чорво ва паранда (бо вазни зинда), 1042,6 ҳазор тонна шир, 1053,5 млн дона тухм, 8152,0 тонна пашм, 451,0 тонна пилла, 4390,0 тонна асал истеҳсол шудааст (саҳ. 68-69). Афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар заминаи татбиқи ҳадафҳои рушди миллӣ, аз он ҷумла таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат ва татбиқи истеҳсолоти воридотивазкунанда ба афзоиши истеҳсоли маҳсулоти асосии кишоварзӣ ба сари аҳолӣ оварда расонид. Бо дар назардошти афзалияти соҳаи кишоварзӣ ва дастрасии давлатии бахшҳои асосии он солҳои охир истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳамаи категорияҳои хоҷагидорӣ зиёд шуда истодааст.

Муаллиф дар кори диссертатсионӣ муайян намудааст, ки зиёд намудани фонди музди меҳнат ин зиёдшавии даромаднокии истеҳсолот мебошад. Ғайр аз ин, тайёр кардани кадрҳо ва такмили ихтисоси кормандон ба натиҷаҳои молиявии корхона низ таъсири мусбат мерасонад ва дар ташкилотҳои кишоварзӣ низ ба бозомӯзии кадрҳо таваҷҷуҳи хос зоҳир карда шуда истодааст. Дар баробари ин, лоиҳаҳои сармоягузорӣ имкон медиҳанд, ки истеҳсоли гӯшт ва сабзавоти барвақтӣ ва коркарди шири истеҳсоли аҳолии маҳаллӣ ба роҳ монда шавад.

Дар диссертатсия муаллиф оид ба раванди такрористеҳсол дар соҳаи кишоварзӣ як қатор омилҳои таъсиркунандаро исбот намудааст, ки дар байни онҳо фаъолияти сармоягузорӣ нақши асосиро мебозад. Инчунин, омори расмӣ нишон медиҳад, ки солҳои охир фаъолияти сармоягузорӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ ва ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ тамоюли мусбат дошта, омили муайянкунандаи тавсеаи раванди такрористеҳсол дар соҳаи кишоварзӣ мебошад (саҳ. 99.). Дар баробари ҷалби сармояи хориҷӣ, дастгирӣ ва танзими давлатӣ дар густариши равандҳои такрористеҳсол нақши муҳим мебозад. Вобаста ба ин, солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади

тезонидани равандҳои такрористеҳсол ва навсозии заминаи моддию техникии соҳа аз маблағҳои буҷетӣ тавассути механизмҳои лоиҳаҳои давлатӣ маблагҳои муайян ҷудо карда шудаанд.

Дар боби сеюм **«Самтҳои асосии такмили низоми идоракунии такрористеҳсоли сармояи асосӣ дар корхонаҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** мавриди таҳқиқот қарор дода шудааст. Дар асоси омӯзиши равишҳои консептуалии такмили низоми идоракунии раванди такрористеҳсоли фондҳои асосӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ, такмили системаи идоракунии раванди такрористеҳсоли фондҳои асосӣ дар асоси тақвияти фаъолияти инноватсионӣ, инчунин тавсияҳои методӣ оид ба беҳтар намудани шароит ва низоми идоракунии такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ асоснок ва пешниҳод карда шудаанд.

Диссертант қайд намудааст, ки ҳадафи ниҳоии татбиқи сиёсатӣ инноватсионӣ фароҳам овардани шароит барои рушди бомуваффақияти инноватсияҳо ва суръат бахшидани пешрафти илмию техникӣ дар тамоми соҳаҳои комплекси агросаноатӣ мебошад, ки азнавсозии техникӣ, ташкилӣ ва технологии истеҳсолоти кишоварзӣ, ба баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва самаранокии он вобаста мебошад. Дар баробари ин, тақвияти равандҳои инноватсионӣ имкон медиҳанд, ки такрористеҳсоли сармояи асосӣ дар бахши аграрӣ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шавад (саҳ. 138). Истифодаи воситаҳои интенсивии зиёд намудани истеҳсоли маҳсулот, пеш аз ҳама, беҳтар намудани истифодаи майдонҳои замин ва баланд шудани дараҷаи ҳосилнокии меҳнатро аз ҳисоби дар истеҳсолот ҷорӣ намудани комёбиҳои навтарин, прогресси илмӣ – техникӣ ва такмил додани ҳосилнокии меҳнат ва шаклҳои ташкили истеҳсолотро дар назар дорад (саҳ. 142).

Ба ақидаи муаллиф, яке аз самтҳои муҳимми такмили идоракунии такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ ин менеҷменти молиявӣ мебошад. Дар ин замина, идоракунии таъминоти молиявии раванди такрористеҳсол нақши муҳим дорад. Ба андешаи муаллиф, таъминоти молиявии такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ нақшаи чорабиниҳоест, ки барои интихоби сохтори оқилонаи манбаъҳои мувофиқи ҷалби маблағҳо барои такрористеҳсол, таъмини татбиқи самаранокии он ва баргардонидани маблагҳои гузошташударо дар бар мегирад. Дар ин асос ташаккули менеҷменти молиявӣ дар раванди тақвияти такрористеҳсол бояд фарогири марҳилаҳои зерин бошад:

- арзёбии ҳолат ва зарурати истифодаи фондҳои асосии корхона амалӣ карда шуда, раванди қабули қарор бо иттилооти зарурӣ таъмин карда мешавад;
- номгӯи чорабиниҳо ва самту намуди такрористеҳсол муайян карда мешавад;

- баҳодиҳии самараи такрористеҳсол, тақсим кардани гурӯҳҳои воситаҳои асосӣ вобаста ба стратегияи рушди дарозмуддати корхонаҳои кишоварзӣ анҷом дода мешавад;
- ҳаҷми маблағҳои зарурӣ барои татбиқи такрористеҳсол муайян карда мешавад;
- арзёбии ҳаҷм ва арзиши ҷалби захираҳои молиявӣ мушаххас карда мешавад;
- муайян намудани ҳадди ниҳоии маблағҳои ҷалбшуда аз манбаъҳои беруна бахшида мешавад;
- арзиш, шароит ва шартҳои истифодаи маблағҳои аз манбаъҳои беруна ҷалбшуда арзёбӣ карда мешавад;
- ҷустуҷӯи таносуби оқилонаи манбаъҳои дохилӣ ва берунии сармоягузорӣ барои такрористеҳсол муайян карда мешавад;
- интихоб ва ҷалби манбаъҳои муайяни маблағгузорӣ барои такрористеҳсол анҷом дода мешавад;
- таъмини истифодаи самараноки маблағҳои аз манбаъҳои интихобшуда ҷалбшуда ба роҳ монда мешавад;
- ҳисоббаробаркуниҳои саривақтӣ бо кредиторон ва баргардонидани маблағҳои ҷалбшуда амалӣ карда мешавад (саҳ.148-149).

Муаллиф дар баробари он қайд намудааст, ки аз соли 2016 инҷониб Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то солҳои 2030 амал намуда истодааст, ки дар он чор ҳадафи асосӣ, бахусус таъмини истиқлолияти энергетикӣ, бехатарии озуқаворӣ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва саноатикунонии иқтисодиёти мамлакат мебошад. Мутаассифона, дар доираи ин ҳадафҳо мавқеи рушди технологияҳои иттилоотию иртиботӣ нисбатан кам дида мешавад, ҳол он ки натиҷагирии ҳамаи ҳадафҳои стратегии мамлакат маҳз ба таъминнокӣ ва истифодаи технологияҳои муассири иттилоотию иртиботӣ вобастагии калон дорад. Гузашта аз ин, барои тақвиятбахшии муносибатҳои субъектҳои иқтисодии мамлакат ва дар ин замина, таъмини амнияти озуқаворӣ такмили идоракунии раванди такрористеҳсол дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халк, аз ҷумла дар бахши кишоварзӣ аҳаммияти калон пайдо мекунад, ҳамзамон барои гузаштан ба ҳадафҳои стратегии баландбардории самаранокии фаъолияти онҳо равишҳои стратегӣ ниҳоят муҳим мебошад.

Дар хотимаи диссертатсия хулосаҳои илмӣ ва ақидаҳои илмаи асосноккардашуда мухтасар пешниҳод гардидааст.

## 3. Муҳиммияти хулосаву пешниҳодҳо ва имконияти истифодаи онҳо дар илм ва амалия

Аҳаммияти амалии натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар имконияти истифодабарии васеи раванди такрористеҳсол дар соҳаи кишоварзии мамлакат зуҳур меёбад. Ба ғайр аз ин, натиҷаҳои таҳқиқот дар ҷараёни таҳия ва коркарди сиёсати идоракунии Кооперативи тиҷоратии "Абдуҳафизсаркор" аз вилояти Суғд, якчанд корхонаҳои кишоварзии шаҳри Ҳисор: КТ "Ҳайдар Миров", КТ "Баракати Ватан", КТ "Самар" ва ғ. васеъ истифода мегардад.

Иштироки шахсии муаллиф дар дастрасии натиҷаҳои илмӣ, дар коркарди назария оид ба раванди идоракунии такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ дар асоси такмили идоракунии раванди такрористеҳсол дар шароити муосир, инчунин иштирок дар конференсияҳои гуногуни илмӣ-назариявии донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ ифода меёбанд.

## 4. Арзёбии моҳияти диссертатсия, сатҳи комилии он, эродҳо доир ба шаклгирии диссертатсия

Албатта, таҳқиқоти диссертатсионӣ аз нигоҳи муқарриз дорои як қатор носаҳеҳӣ аст, ки дар чунин тартиб нишон додан мумкин аст:

1. Дар рисолаи илмӣ тавсифи асосҳои илмӣ ва консептуалии равандҳои такрористеҳсол дар корхонаҳои кишоварзӣ дар асоси равишҳои методологӣ оид ба татбиқи тактика ва стратегия хуб баён карда шудааст. Вале хусусият ва принсипҳои фарққунандаи раванди такрористеҳсол дар соҳаи кишоварзӣ аз дигар шаклҳои нави идоракунии такрористеҳсол ва инчунин, ҷиҳатҳои қиёсии он дар шароити иқтисодиёти бозорӣ ба таври возеҳ баён нагаштааст.
2. Дар диссертатсия маълумоти омории фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ ва омори соҳавӣ таҳлил карда шудааст, ки дар баъзе ҷадвалҳо зимни муайянкунии нишондиҳандаҳо ба хатоӣ роҳ дода шудааст. Дар баробари ин, хуб мешуд, агар нишондиҳандаҳои музди меҳнат дар шакли динамика тасвир карда шавад;
3. Дар рисола муаллиф модели идоракунии раванди такрористеҳсолро пешниҳод намудааст, ки қобили таваҷҷуҳ мебошад. Дар ин замина хуб мешуд, агар татбиқи амалии моделро дар ягон корхонаи кишоварзӣ нишон медод;
4. Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки такмили низоми идоракунии равандҳои такрористеҳсол ба таҳия ва татбиқи чорабиниҳои махсуси институтсионалӣ ва ташкилию иқтисодӣ вобастагӣ дорад. Вале дар таҳқиқот чорабиниҳои пешниҳодшуда фарогирии маҳдуд доранд;

5. Дар рисола баъзе номувофиқатиҳо дар шумораи расму ҷадвал ва хатогиҳои имлоию техникӣ низ ба чашм мерасанд.

Боиси қайд аст, ки камбудиҳо ва норасоиҳои номбаршуда аҳаммият ва манзалати илмӣ ва амалии таҳқиқоти гузаронидашударо паст намекунад. Сохтори диссертатсияи номзадӣ аз нуқтаи назари мантиқӣ дуруст буда, рисолаи илмӣ дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошад. Диссертатсияи Акрамова Б.А. бо худ хусусияти мустақилона, пурра ва баитмомрасидаро ифода мекунад.

**6.Тасдиқи ифодаи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар нашрияҳои илмӣ**

Асарҳои интишоршудаи муаллиф иқтибосҳои илмӣ ва хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷойдоштаро дар худ инъикос намудаанд. Аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқот 11 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои такризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп карда шудаанд.

**7. Мутобиқати мазмуни автореферат бо мазмуни диссертатсия**

Автореферати диссертатсия мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсиониро дар худ инъикос намудааст ва дар он навгониҳои илмӣ, ки ба ҳимоя бароварда мешаванд, ҷой гирифтааст.

Аз нигоҳи мазмуни илмӣ ва шакли баён диссертатсия дар мавзи «Идоракунии равандҳои такрористеҳсол дар ташкилотҳои кишоварзӣ **(дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)»,** бешубҳа, кори илмии тахассусӣ буда, дар он ҳалли муаммои илмӣ, ки аҳаммияти муҳимму афзалиятнокро дар рушди илми иқтисоди ватанӣ доро аст, комилан ба талаботи Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст. Аз ин лиҳоз, муаллифи он Акрамова Бибималика Акбаровна сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 Менеҷмент (6D050704 Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) мебошад.

**Муқарризи расмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Кузибаева Б.М.**

*Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон*

*735700, ш. Хуҷанд, микроноҳияи 17,*
*бинои 1. Тел. (992) 92-765-35-38.*
*e-mail: baroatbony@mail.ru*

**Имзои Кузибаева Бароат Муротбоевнаро тасдиқ мекунам:**

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсус                                        Мирпоччоев И.